**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Таирова Мавлуда Муллоҷоновна дар мавзӯи «Ташаккули тайёрии касбии мутахассисони ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ ба фаъолияти истеҳсолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ), (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ чунин қайд кардаанд "Бахри эҳёи анъанаҳои миллӣ, ҳунарҳои дастӣ ва суннатҳои ахлоқиву маърифатӣ пайваста иқдому талошҳо намуда, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки духтарони ҷавон ва соҳибхоназанон ҳунарҳои зебои миллиро омӯхта, аз як тараф тавассути касбу ҳунари хеш рӯзгори худро обод созанд ва аз ҷониби дигар фарҳанг, ҳунар ва санъату маҳорати хешро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намоянд".

Мавзӯи интихобнамудаи Таирова М.М. тахти унвони «Ташаккули тайёрии касбии мутахассисони ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ ба фаъолияти истеҳсолӣ»-ро яке аз мавзӯҳои актуалӣ ҳисобидан мумкин аст, зеро он ба масъалаҳои рӯзмарраи муосир – ба омодакунии мутахассисони соҳибкасб дар самти дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ бахшида шудааст ва дар бораи таваҷҷӯҳи амиқ оид ба вуҷуд овардани "назарияи ташаккули тайёрии касбӣ", саҳеҳтар карда гӯем, кӯшишҳои бисёркаратаи таҳияи он шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, ташаккули шахсият аксаран чун раванди алоҳидае (намуди фаъолияте), ки ба сари худ мақсади ягона мебошад, баррасӣ мегардад. Аз ин рӯ, ташаккул метавонад ва бояд дар ҳалқаи ибтидоии донишгоҳ бо раванди педагогӣ алоқаманд бошад, зеро маҳз дар он шахсияти донишҷӯ малакаҳои асосии маърифатӣ ва тарзҳои фаъолиятиро ба даст меорад.

Боиси қайд аст, ки аз авторефератн диссертатсияи Таирова М.М. маълум мегардад, ҳадафи асосӣ ин муайян намудани дараҷаи дониш ва қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён, ошкор сохтани дараҷаи иқтидори эҷодӣ, тасаввурот ва тахайюлоти донишҷӯ, ба фаъолияти истеҳсолӣ ҷалб кардан, ташаккул додани қобилиятҳои эҷодии мутахассисони ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ, инкишофи маҳоратҳои эҷодии мутахассисони ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ бо воситаҳои санъати ороишӣ-амалӣ яке аз роҳҳои ташаккули инсони нав, ки аз мӯътақидии амиқ, сарвати маънавӣ, фарҳанги олии ахлоқӣ бархурдор аст, ҳамчунин эҷодкорона меҳнат карда тавонистан мебошад. Ва маҳз ҳамин талабот ба тайёр кардани мутахассисони ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии мутахассисони ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ инъикос ёфтаанд.

Аз автореферат маълум мегардад, ки диссертатсия аз ду боб иборат ва боби якум «Асосҳои илмию назариявии машғулиятҳо оид ба санъати ороишӣ-амалӣ дар мактаби олӣ», боби дуюм «Шароитҳои педагогӣ, тайёрии касбии мутахассисони ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар машғулиятҳои амалӣ оид ба омӯзиши санъати ороишӣ - амалӣ» унвон гирифтааст.

Гуфтан ҷоиз аст, ки диссертант Таирова М.М. бобҳоро дар алоҳидагӣ, мухтасаран оварда, дар охир бо овардани нуқтаи назари худ бобҳоро ҷамъбаст намудааст.

Боис ба зикр аст, ки мазмуни асосии диссертатсия дар 56 асарҳои илми муаллиф, аз ҷумла: 20-мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1-китоби дарсӣ, 2 –дастури таълимӣ – методӣ, инчунин, 23- мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои маводҳои конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос гардидааст.

Автореферати мазкур дар асоси стандартҳо ва талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф шуда, таҳқиқоте, ки аз тарафи Таирова М. М. рӯи кор омадааст, ки аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ зарурӣ арзёбӣ гардида, бахри рушд ва нумӯи илми педагогикаи муосир саҳми босазое хоҳад гузошт.

Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Таирова М.М. таҳти унвони «Ташаккули тайёрии касбии мутахассисони ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ ба фаъолияти истеҳсолӣ» таҳқиқоти ба анҷомрасонида ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯй ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) арзанда ҳисобида мешавад.

Тақриздиҳанда:
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими технологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Алламуродов Б.Н.

Имзои Б. Алламуродовро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

***Маълумот барои тамос:***
*Суроға: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.*
*Тел.:(+992)905-03-51-23; e-mail:* ballamurodov83@mail.ru
*Вебсайт:* www.btsu.tj